**ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-062 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ СЛАВЯНИИ РӮССИЯ ВА ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ**

**Парвандаи аттестатсионии №______________**

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 14.06.2024, № 16**

Барои сазовор донистани Носирзода Ҳусейни Саъдулло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02-Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ.

Диссертатсияи Носирзода Ҳусейни Саъдулло дар мавзуи «Идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли саноати хӯрокворӣ), барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02-Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ санаи 05 апрели соли 2024, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №14 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-062 назди Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон *(734025, ш. Душанбе,* кучаи Мирзо Турсунзода 30*)*, ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 июли соли 2022, таҳти №202/шд таъсис дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Носирзода Ҳусейни Саъдулло, соли таваллудаш 07 июли соли 1991, миллаташ тоҷик, шаҳрванди ҶТ, ҳоло ба ҳайси мудири бахши иттилоот ва танзими Раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Унвонҷӯ соли 2013 Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон)-ро аз рӯйи ихтисоси баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар муассисаҳои буҷетӣ-илмӣ бо дараҷаи бакалавриат хатм намудааст.

Соли 2015 бошад, донишгоҳи мазкурро бо дараҷаи магистр бо ихтисоси баҳисобгирии муҳосибӣ таҳлил ва аудит бомуваффақият хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатиашро унвонҷӯ аз давраи мактабӣ оғоз намуда, солҳои 2008-2010 ба ҳайси волонтиёри Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонони собиқ Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кор ва фаъолият намудааст.

Солҳои 2013 то 2015 ба ҳайси коршиноси қарзӣ ва коршиноси қарзии дараҷаи 1-уми Филиали ҷамъияти саҳомии кушодаи “Бонки Эсхата” дар ноҳияи Рӯдакӣ кору фаъолият намудааст. Баъдан аз соли 2016 то соли 2022 дар собик

Маркази такмили ихтисоси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳоло Маркази такмили ихтисоси кормандони мақомоти молияи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон), сипас аз 16-уми сентябри соли 2022 то 01-уми феврали соли 2023 ба ҳайси муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалии факултаи Муносибатҳои иқтисодии байналмилалии ДДМИТ кор кардааст.

Тибқи гузариш аз вазифаи ишғол намудааш 1-уми феврали соли 2023 озод ва ба вазифаи Мудири бахши иттилоот ва танзими Раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таъйин шуда, дар ин вазифа то ҳол кору фаъолият дорад.

Аз соли 2016 то ҳол ҳамчун ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибии ДДМИТ, фаъолият менамояд.

Мавзуи диссертатсияи Носирзода Ҳусейни Саъдулло "Идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли саноати хӯроквории)" 30 январи соли 2020 № 7/5.9 тасдиқ шудааст.

Диссертатсия дар назди кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Умаров Хоҷамаҳмад** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи географияи иқтисодӣ ва сайёҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:**

**Раҳматзода Ҳайдар Бобо** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон.

**Бобомуродов Парвиз Уктамович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷменти Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар тақризи худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ дар истеҳсолот Муқимова Н.Р. таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ дар истеҳсолот баррасӣ ва муҳокима карда шудааст (суратҷаласаи №10, аз 14.05.2024) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ д.и.и., профессор Давлатзода Қ.Қ. тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса оварда шудааст, ки диссертатсияи Носирзода Ҳусейни Саъдулло дар мавзуи "Идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли саноати хӯроквории)" кори илмию таҳқиқотии мустақилона ба итмомрасида биниста шуда, ба талаботи КОА-и

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисос, ки бо “Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” муқарар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Носирзода Ҳусейни Саъдулло барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ сазовор мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбати додашуда, ки аз ҷониби муқарриз н.и.и, дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ имзо шудааст, қайд шуд, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 15 интишороти илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад.

**Интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия**
**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

**[1-М]** Носирзода Ҳ.С. Хусусиятҳои равандҳои инноватсионӣ дар иқтисодиёти миллӣ [Матн] / Ҷӯраев Х.Ғ., Носирзода Ҳ.С.// Паёми Донишгоҳи милии Тоҷикистон 2018/№9. С. 118-1234.

**[2-М]** Носирзода Ҳ.С. Ташаккули низоми миллии инноватсионӣ дар сатҳи рушди илмию технологӣ [Матн] / Ҷӯраев Х.Ғ., Носирзода Ҳ.С.// Паёми молия ва иқтисоди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ-амалӣ). Душанбе, 2019.-№4(20).С. 52 -58.

**[3-М]** Носирзоада Х.С. Некоторые вопросы инновационного развития промышленных предприятий в условиях ускоренной индустриализации [Текст] /Носирзода Х.С.// Финансово-экономический вестник (научно-практический журнал), Душанбе, 2020.-№ 4 (24) С.170-177.

**[4-М]** Носирзода Ҳ.С. Механизмҳои ташкилию иқтисодии фаъолияти инноватсионӣ дар корхонаҳои агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] /Носирзода Ҳ.С.// Паёми молия ва иқтисоди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ-амалӣ). Душанбе, 2021.-№4(28).С.163-171.

**[5-М]** Носирзода Ҳ.С. Ҷиҳати назариявии рушди иқтисоди инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Умаров Х., Носирзода Ҳ.С.// Паёми молия ва иқтисоди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Душанбе, 2022.-№2(31) С.14-22.

**[6-М]** Носирзода Ҳ.С. Идоракунии инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ [Матн] /Умаров Х., Носирзода Ҳ.С.//Паёми Донишгоҳи милии Тоҷикистон Бахшҳои илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ, 2023.№4 Қисми1. С. 14-21. ISSN2413-5151.

**Дар дигар нашриякҳо:**

**[7-М]** Носирзода Ҳ.С. Инноватсия – омили асосии рушди иқтисоди миллӣ [Матн] /Ҷӯраев Х.Ғ., Носирзода Ҳ.С.// Паёми Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Душанбе, 2018.-№1(13). С. 23-29. ISSN 2408-929X.

**[8-М]** Носирзода Ҳ.С. Масъалаҳои устувории некуаҳволии мардум дар иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Носирзода Ҳ.С., Фатҳудинзода С.Н.//Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ - назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди тоҷикистон таҳти унвони «таъмини рушди иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурии тоҷикистон дар шароити муосир: муаммоҳо ва дурнамо» бахшида ба соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (2019-2021) (22-23 апрели соли 2019) С. 112-114.

**[9-М]** Носирзода Ҳ.С. Роҳҳои ҳалли масъалаҳои ташаккулёбӣ ва самаранокии иқтисоди миллӣ дар низоми идоракунии навин [Матн] /Носирзода Ҳ.С., Фатҳудинзода С.Н. //Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ - Назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (2020-2040) (13-18 апрели соли 2020) Душанбе, 2020 С. 301-303;

**[10-М]** Носирзода Ҳ.С. Инноватсия ҳамчун омили асосии афзоиши иҷтимоию иқтисодӣ ва рақобатпазирӣ [Матн] / Ҷураев Х.Ғ., Носирзода Ҳ.С. //Конфронсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бахшида ба 30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" (2019-2021) (12-17 апрели соли 2021) саҳ. 80-82.

**[11-М]** Носирзода Ҳ.С. Таъсири маблағгузориҳои илм ва инноватсия ба рушди иқтисоди миллӣ [Матн] /Носирзода Ҳ.С.//Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи Ҳамбастагии илм бо истеҳсолот дар раванди саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон (22-23 апрели соли 2022) Қисми 2.- Донишгоҳи технологии Тоҷикистон 124-127 с.

**[12-М]** Носирзода Ҳ.С. Самаранокии идоракунии рушди инноватсионии давлат дар шароити иқтисоди муосир [Матн] / Носирзода Ҳ.С. //Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи "Самаранокии идоракунии давлатӣ ва рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе, 25-26 ноябри соли 2022) 284-290 с.

**[13-М]** **Носирзода Х.С.** Основные направления совершенствования системы управления инновационной деятельностью промышленных

предприятий [Текст] / Носирзода Х.С. // Endless light in science, no. июнь, 2023. 514-522 с.

**[14-М]** Носирзода Ҳ.С. Аҳаммияти идоракунии технологияҳои инноватсионӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ [Матн] //Конфреренсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ тахти унвони “Рушди менеҷменти инноватсионӣ ва нақши он дар татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар” бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи 16-уми Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Душанбе-2023.- 226-232 с.

**[15-М]** Носирзода Ҳ.С. Гузариши корхонаҳои саноатӣ ба модели нави инноватсионӣ [Матн] // Маҷмуи мақолаҳои конфренсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Ташаккул ва рушди иқтисодиёти рақамӣ, тиҷорати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” бахшида ба “Солҳои рушди саноат (2022-2026)” 25 ноябри соли 2023. – 120-129 с.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳо ворид шудаанд:**

**1. Дадоматов Д.Н. доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**, бо чунин эродҳо: 1) Дар автореферати диссертатсия корҳои илмии олимони ватанӣ оид ба масъалаҳои инноватсия, идоракунии он, рушди устувори инноватсионӣ кам ба назар мерасад. 2) Масъалаҳои танзими давлатӣ ва ҳамкориҳои судманди иқтисодӣ бо дигар сохторҳои давлатӣ низ аз назари унвонҷӯ дур мондааст. 3) Ҳадафҳои стратегии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар кори илми унвонҷӯ аз мадди назар дур мондааст.

**2. Шаропов Ф.Р. доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректори Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон оид ба рушди стратегӣ ва идоракунии сифат бо чунин эродҳо:** 1) Дар расми 5-уми автореферат самтҳои асосии такмилдиҳии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ нишон дода шудааст, аммо дар он омилҳои манфии таъсиррасон оварда нашудааст, хуб мешуд ба ҷиҳати омилҳои манфӣ ақидаи хешро унвонҷӯ иброз медошт. 2) Муаллиф дар автореферат дар бораи мутобиқкунии санадҳои меъёрҳои ҳуқуқии соҳаи саноатӣ суханронӣ накардааст, хуб мешуд муаллиф консепсияҳо, стратегияҳо ва санадҳои меъёрҳои ҳуқуқии соҳаи саноатиро дар автореферат қайд мекард ба мақсад мувофиқ мебуд.

**3. Мирзоалиев А.А. н.и.и., дотенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** чунин эродҳо гирифтааст: 1) Дар атореферат унвонҷӯ ба асосҳои назариявии инноватсионӣ ва рушди устувори инноватсия аҳаммияти бештар додааст, аммо аз омӯзиши таҷрибаҳои хориҷӣ, ки ба хусусиятҳои инноватсионии миллии кишвари мо рост меоянд дар

автореферат аҳаммият надодааст. 2) Муаллиф дар автореферат се сатҳи рушдёбиро дарҷ кардааст, аммо ҳар яки онҳо возеътар накушодааст, хуб мешуд сатҳои номбаршударо ба пурраги шарҳу тавзеҳ медод, ба мақсад мувофиқ мебуд.

**4. Наврӯз Носирӣ - н.и.и., и.в. дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ** бо чунин эрод: 1) Дар саҳифаи 10-и автореферат муаллиф якчанд принсипҳоро мавриди баррасӣ қарор додааст, аммто то кадом дараҷа ин принсипҳо ба рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ таъсир мерасонанд қайд накардааст.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ, инчунин, бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувори онҳо дар доираи таҳқиқи масъалаҳои идоракунии рушди устувори инноватсионӣ, мавҷудияти интишороти онҳо дар соҳаи мазкур ва аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин, бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз муайян карда шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***консепсияи*** илман асоснок пешниҳод шудааст, ки танҳо дар сурати дар амал татбиқ намудани таҷрибаи пешқадам оид ба самти методологияи идоракунӣ, идоракунии рушди устувор, муайянсозии вазъи имрӯза, дарёфти механизмҳои идоракунии рушди устувориинноватсионӣ, идоракунии дурусту самараноки хавфҳои инноватсионӣ, унсурҳои асосии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, принсипҳои идоракунии инноватсионӣ ва дараҷаи баланди идоракунии самаранокии инноватсионӣ дар низоми миллии инноватсионии ҷумҳурӣ ноил шудан мумкин аст.

- ***пешниҳод шудааст, ки*** муаллиф мафҳуми "инноватсионӣ",-ро "яке аз фишангҳои рушди истеҳсолӣ, омили идоракунӣ ва фаъолнамоии ҷараёнҳои истеҳсолот тавассути технологияҳои муосир на танҳо барои осон намудани кор, балки барои ба амал баровардани молҳои намуди нав мебошад" муайян намудааст. Ҳамзамон, таърифи муаллифии "Рушди устувор дар иқтисодиёт ҳамчун "маҷмуи тадбирҳоест, ки ба қонеъ гардонидани талаботи инсон бо ҳифзи манфиатҳои иқтисодӣ ва ниёзҳои худи корхона бидуни расидани осеб мусоидат мекунад. "Идоракунии инноватсия" раванди фаъолиятест, ки дар он

ҳама ғояҳо ва навовариҳои муфид муайян гардида, сипас татбиқи онҳо дар тиҷорат барои рақобатпазирии истеҳсолот, рушди иқтисодиёт, ташкил ва назорати сифати маҳсулот анҷом мепазирад.

- ***исбот шудааст,*** ки таъмини суботи иқтисодиёт ва рушди низоми иқтисодӣ бидуни ташаккули низоми идоракунии инноватсионӣ ғайриимкон мебошад. Инноватсия имкон медиҳад, ки усулҳои самарабахши истеҳсолот дар кохонаҳо татбиқ ва дар навбати худ, боиси дар бозор ба вуҷуд омадани категорияҳои нави маҳсулоти баландсифат гардад.

- ***ҷорӣ намудани*** методологияи идоракунӣ, механизмҳои идоракунии инноватсионӣ ва принсипҳои идоракунии инноватсионӣ мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ ва принсипҳои идоракунӣ мутобиқ пешниҳод карда шуда, барои таҳлил ва баҳодиҳӣ ва идоракунии хавфҳои инноватсионӣ, стратегия ва барномаҳои соҳавӣ дар сатҳи маҷмуӣ таҳия карда шаванд, ҳамзамон, ҷиҳати баландбардории самаранокии равандҳои фаъолияти инноватсионӣ ва таъмини ҳиссаи амнияти озуқаворӣ дар сохтори ММД методикаи такмилёфтаи таҳлили идоракунии хавфҳои инноватсионӣ таҳия шудааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

**- *муқаррароти*** аз таҳқиқоти заминаҳои назариявӣ ва методии истифодаи равишҳо ва усулҳои гуногуни такмили низоми идоракунии инноватсионӣ ба хотири таъмини рушди устувори низоми милии инноватсионӣ иборат буда, амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот дар самти такмил додани низоми идоракунии инноватсионии миллӣ, фаъолияти инноватсионӣ, такмилдиҳии механимзҳои идоракунии корхонаҳои саноатӣ, алалхусус, саноати хӯрокворӣ бо мақсади беҳтаргардидани вазъи соҳа ва заминаҳои нави идоракунии инноватсионӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз механизм, методология ва принсипҳою моделҳои таъмини рушди устувори инноватсионӣ бармеояд.

Таҳиқоқти методологию назариявии гузаронидашуда метавонад дар оянда ҳамчун пойгоҳи маълумот барои гузаронидани таҳқиқотҳои дигар оид ба масоили низоми идоракунии инноватсионии миллӣ, таҳияи санадҳои меъёриву ҳуқуқии низоми инноватсионӣ, идоракунии хавфҳои инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гарданд.

**- *методикаи*** такмилшудаи идоракунии рушди устувори инноватсионӣ дар асоси таҷрибаҳои давлатҳои пешсаф таҳия ва пешниҳод шудааст, ки ба таҳлил, баҳодиҳӣ ва ояндабинии идоракунии хафҳои инноватсионӣ, баланд бардоштани сифати идоракунии инноватсионӣ ва ташаккули механизмҳои идоракунии

инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла саноати хӯрокворӣ асос ёфтааст.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта:**

- ***баён шудааст, ки*** дар таҳлили вазъи муосири низоми инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳодиҳии сифати идоракунии инноватсионии он ҳамчун нишондиҳандаи рушди устувори инноватсионии миллӣ баромад мекунад.

- ***ошкор гардидани*** хусусиятҳои хос ва таъсиррасонии омилҳои ба идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ бо такя ба таҳқиқу омӯзиши назария ва усулҳои илмӣ, пешниҳодҳои роҳу усул ва чораҳои дар амал татбиқ намудани механзимҳои нави идоракунии рушди устувори инноватсионӣ бо назардошти таъсири хусусияти омилҳои мазкур.

- ***омӯхта шудаанд:*** а) асосҳои назариявию методологии идоракунии рушди устувори инноватсионӣ ва ба низом даровардани рушди инноватсионии саноат; б) вазъи муосир ва динамикаи рушди нишондиҳандаҳои асосии саноати хӯрокворӣ; в) фаъолгардонию такмилдиҳии идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ; г) мушаххасгардонии меъёрҳои идоракунии рушди устувори инноватсионӣ; д) таҳияи модели таъмини идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ.

- ***аз нав такмил додани методологияи*** низоми идоракунии инноватсионӣ, баҳодиҳии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, баҳодиҳии раванди низоми идоракунии инноватсионӣ, муайян намудани омилҳо ва механизмҳои таъсиррасони рушди утсувори инноватсионӣ ва идоракунии хавфҳои инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ва сафарбарнамоии онҳо ба нуктаҳои муҳим мешниҳод ва асоснок шудаанд, ки дар маҷмӯ ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

- **Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад,** ки:

- ***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф дар раванди тадриси фанҳои «Менеҷменти инноватсионӣ», «Менеҷмент», «Идоракунии рақобатпазирии корхона», «Соҳибкории инноватсионӣ» дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон истифода шудаанд (санади татбиқи натиҷаҳо аз 15.05.2023 таҳти №21). Ҳамзамон, тавсияҳои асосноки муаллиф дар амалия, дар фаъолияти ҶДММ “Висол” мавриди истифода қарор гирифтаанд (санади татбиқи амалӣ аз ҶДММ “Висол” аз 15.08.2023.

- ***муайян карда шуд:*** самтҳои асосии идоракунии рушди устувори инноватсионӣ ва омилҳою механизмҳои таъсиррасон ба рушди устувори инноватсионӣ ба корхонаҳои саноатӣ, саноати хӯрокворӣ, низоми миллии инноватсионӣ ва низоми идоракунии инноватсионии миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасъири бевосита доранд.

- ***офарида шуд:*** ***а)*** методология ва принсипҳои идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноати хӯрокворӣ таҳия карда шуд, ки барои пешбурд ва рушди идоракунии инноватсионии соҳаи саноати хӯрокворӣ дар шароити имрӯза мусоидаткунанда мебошад; ***б)*** унсурҳои асосии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ пешниҳод карда шуд, ки ба корхонаҳои саноатӣ имкон медиҳад, ки ба рушди устувори инноватсионӣ ноил гарданд; ***в)*** механизмҳои идоракунии рушди инноватсионӣ пешниҳод карда шудаанд, ки онҳо метавонанд дар фаъолияти инноватсионии ҳар як соҳаи афзалиятноки иқтисодӣ, аз ҷумла соҳаи саноати хӯрокворӣ нақши калидӣ бозанд; ***г)*** модели идоракунӣ ва танзими таъмини рушди устувори корхонаҳои санотӣ таҳия карда шуд, ки идора ва танзимнамоии бисёрсатҳаи рушди устувори корхонаҳои саноатиро инъикос кунад ва барои пешбурди фаъолияти босамару босифат мусоидаткунанда бошад.

- ***муаррифӣ карда шуданд:*** 1) равиши илман асоснокшудаи тавсияҳо ба Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Тоҷикистон ва дигар корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла саноати хӯрокворӣ оид ба такмили низоми инноватсионии миллӣ ва механизми идоракунии рушди устувори инноватсионӣ, идоракунии хавфҳои инноватсионӣ, аз рӯйи тағйирот ба як қатор санадҳои меъёрӣ ва ворид намудани иловаҳо ба онҳо; 2) ташкили фондҳои венчурӣ ва дастрасии стартапҳо ба соҳаҳои саноати хӯрокворӣ, корхонаҳои хурди инноватсионӣ, марказҳои таҳқиқотӣ ва конструкторӣ, IT-паркаҳо, паркҳои илмӣ-технологӣ ва зиёд намудани имтиёзҳои қарзҳои давлатӣ барои рушди фаъолияти корхонаҳои навтаъсис, ки бо таҷҳизоти инноватсионӣ ва усулҳои инноватсионӣ фаъолият менамоянд; 3) истифодаи нишондиҳандаҳои таҳлилӣ дар ҷараёни таҳлил; 4) ташкили идоракунии низоми инноватсионии кишвар дар асоси истифодаи платформаи рақамӣ, ки аҳаммиятнок арзёбӣ мегардад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***назарияи*** илман асоснок дар асоси таҳқиқоти олимони соҳа, омӯзиши асарҳои илмӣ оид ба идоракунии рушди устувори инноватсионӣ ***пешниҳод гардидааст,*** ки ин омилҳои таъсиргузор ба сифат ва ҳаҷми онҳо ва пайдо намудани роҳҳои идоракунии инноватсионӣ, механизмҳои идоракунӣ, принсипҳои идоракунӣ, низоми инноватсионии миллӣ ва дарёфти манбаъҳои нави ташаккули идоракунии рушди инноватсионӣ дар оянда мусоидат хоҳад намуд.

-***ғояи*** таҳлил, баҳодиҳӣ ва идоракунии рушди устувори инноватсионӣ, ҳамзамон, идоракунии хавфҳои инноватсионӣ аз иҷрои як қатор корҳо ва истифодаи механизми идоракунии рушди устувори инноватсионӣ баён

шудаанд ва ***исбот гардидааст***, ки татбиқи меъёрҳои идоракунии рушди инноватсионӣ дар самти идоракунии инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла саноати хӯрокворӣ, идораи хавфҳои инноватсионӣ, ташаккули методологияи идоракунии дохили корхонавӣ, пешгӯии сарзадани хавфҳои инноватсионӣ ва ҷорӣ намудани таҷрибаи мамлакатҳои пешсаф ба рушди низоми идоракунии инноватсионии миллӣ мусоидат кунад.

-***истифодаи*** усулҳои идоракунии рушди инноватсионӣ, камкунии хавфҳои инноватсионӣ, ҳамчунин, роҳҳои такмили низоми идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, таҳияи модели таъмини идоракунии рушди устувори инноватсионии саноати хӯрокворӣ ва механизмҳои таъсиррасон ба идоракунии рушди устувори инноватсионии соҳаи мазкур тасия карда шуд.

-***муайян карда шуд,*** ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Автореферат аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи "Антиплагиат" сароҳатан сатҳи онро 94,46% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар он ифода мeёбад, ки** а) давраҳои иҷрои таҳқиқот бо иштироки бевоситаи муаллиф ба амал омадааст; б) муаллиф мавзуи таҳқиқотро мустақилона интихоб намуда, муҳиммият, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро асоснок ва нақшаи мантиқии иҷрои таҳқиқоти илмиро таҳия намудааст; в) унвонҷӯ дар заминаи омӯзиши асосҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба такмил додани низоми идоракунии инноватсионӣ дар доираи низомҳои милии инноватсионӣ вобаста ба шароити Ҷумуҳурии Тоҷикистон, бо роҳи таҳия ва пешниҳоди механизмҳо, усулҳо ва моделҳои таъмини идоракунии рушди устувори инноватсионӣ хулоса ва тавсияҳоро пешниҳод намудааст; г) иштироки бевоситаи муаллиф дар тадқиқот бо нашри мақолаҳои илмӣ оид ба мавзуи кор ва маърӯзаҳои ӯ дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешавад; д) дар омода намудани 15 мақола, аз он ҷумла 6-адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистоноид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Носирзода Ҳусейни Саъдулло дар мавзуи «Идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли саноати хӯрокворӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва

тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявию методии идоракунии рушди устувори инноватсионӣ саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 1.1; 1.2; 1.3; 1.4; 1.5; 1.6; ва 1.13-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 14.06.2024 қарори сазовор донистани Носирзода Ҳусейни Саъдулло бо дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисод аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 8 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла мутахассисон 8 нафар аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 8 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ: «Тарафдор» 8 нафар, «Муқобил» нест, «Бетараф» нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Комилов С.Ҷ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Раджабова И.Р.**

**14 июни соли 2024.**

Дурустии имзоҳои С.Ҷ. Комилов ва И.Р. Раҷабова-ро тасдиқ менамоям:

Сардори РК ДСРТ А.А. Раҳимов

УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ